# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №39
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 7.03.2026, №2

Барои сазовор донистани Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди саҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя «7» марти соли 2026, суратмаҷлиси №39 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович 18-уми январи соли 1988 таваллуд шудааст.

Соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Солҳои 2011-2017 ҳамчун ассистент дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба кор қабул шудааст.

Солҳои 2017-2021 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли таҳсили 2021-2022 ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Аз 19- уми майи соли 2022 – то ноябри 2022 муовини декан оид ба таълим – эдвайзери факултети муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз 15 марти соли 2023 №277 Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон.

Аз сентябри соли 2025-то ба ҳол муовини декани оид ба илми факултети муносибатҳои иқтисодии байналмиллалии, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович зери унвони «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар

Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26.04.2017, суратҷаласаи №11 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милли Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

2. **Одиназода Амин Иброҳим** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ ва шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст аз санаи 23 - декабри соли 2025, суратмаҷлиси № 12 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Одиназода К.С., таҳлилгар номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Валиев Н.Ш. ва котиби илмии ҷаласа номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷалолов А.А., аз тарафи ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. аз санаи 25.12.2025 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди саҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмом расида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методи омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки муассисаи давлатии "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11 мақолаи илмӣ, ба мавзуи диссертатсия аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Давлатов Н.С. Самтҳои афзалиятноки рушди фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Душанбе, 2024 – №3 (53) – С. 88 – 93.

[2-М]. Давлатов Н.С. Муқаддасзода Ф.М., Баъзе ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ Ф.М. Муқаддасзода, Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ Душанбе – 2022 №1/4 (104) - С. 131 – 137 (0,4 ҷ.ч).

[3-М]. Давлатов Н.С. Хусусиятҳои ташаккули фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Душанбе, 2022 №4/1 (51). – С. 160 – 167 (0,4 ҷ.ч).

[4-М]. Давлатов Н.С. Баъзе масъалаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ташаккули фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ; - Душанбе, 2020, №2 (70) .– С. 147-153. (0,4 ҷ.ч).

[5-М]. Давлатов Н.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили паст намудани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2019, №2 (27) – С. 57 – 61 (0,3 ҷ.ч).

[6-М]. Давлатов Н.С. Нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2019, №3 (28) – С. 154–160 (0,4 ҷ.ч).

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ.**

[7-М]. Давлатов Н.С. Муаммоҳои ҷараёни хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ / Н.С. Давлатов // Бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе // Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ, (13-14 ноябри соли 2020). - Душанбе, 2020. – С. 111 – 117.

[8-М]. Давлатов Н.С. Фаъолияти соҳибкории муассисаҳои савдо ва афзалиятҳои инкишофи он дар хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Международная научно – практическая конференция. – ТГУК (6-7 декабри соли 2019). - Душанбе, 2019. – С. 163 – 166.

[9-М]. Давлатов Н.С., Икромова М.Н., Ҳайдарова М.Т. Достижения внешней политики Таджикистана в годы независимости / Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Материалы VII международной научно – практическая конференция. – ТГУК (6-7 декабри соли 2019). - Душанбе, 2019. – С. 106 – 109.

[10-М]. Давлатов Н.С. Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ яке аз омили паст намудани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ / Н.С. Давлатов / Развития рынка финансовых услуг в Таджикистане и Польше //Объект Международнӣ научно – практическӣ конференция. - 2019. – С. 106 – 109. (6-7 декабри соли 2019). - Душанбе:

[11-М]. Давлатов Н.С. Нурмаҳмадов З.М., Муртазо А.А., Таъсири пандемияии ковид 19 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Нурмаҳмадов З.М., Муртазо А.А., Давлатов Н.С. / Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ// Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. –Душанбе: ДССХ 2021. – С. 18-20.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд.**

**Аз доктори илмҳои иқтисод Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Бобозода К.О бо чунин эродҳо:**

1. ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ муаллиф ба ташаккулёбӣ ва таъсири иқтисоди рақамӣ дар рушди фазои муосиди соҳбкорӣ хеле кам мароқ зоҳир намудааст.

2. муаллиф чунин мепиндорад, ки дар шароити имрӯза аз имтиёзҳои андозии пешниҳодшаванда бештар бизнеси калон бархӯрдор гардида, соҳибкории хурду миёна то андозае ҳамаи андозҳои мавҷударо пардохт менамоянд ё худ натиҷаҳои фаъолият ва шумораи кормандонро пурра нишон намедиҳанд, вале ин ақидаҳо дар автореферат тавзеҳ дода нашудааст.

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими ДДМИТ Мирсаидов Саидакмал Аврорович бо чунин эродҳо:**

1. дар автореферат қайд карда шудааст, ки барои боз ҳам беҳтар кардани фазои мусоид ва рақобатпазир, яъне таъмини ҷолибияти иқтисоди миллӣ барои

сармоягузорӣ ислоҳоти минбаъда ва усулҳои мукаммалсозӣ бояд идома шаванд, аммо татбиқи ин иқдом мушаххас зикр нагардидааст?

2. дар автореферат шарҳи ақидаҳои донишмандони иқтисодшиноси ватанию хориҷӣ хеле кам ба чашм мерасад. Нисбати рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ нуқтаи назари муаллиф ба таври васеъ оварда нашудааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадов Р.Р. бо чунин эродҳо:**

1. ба ақидаи муаллиф, низоми андозбандӣ ва меъёрҳои нисбатан пасти андозбандӣ дар кишварҳои ҳамҷавор ва торафт зиёдшавии фишори рақобати минтақавӣ оид ба ҷалби сармоя водор мекунад, ки дар ин самт тадбирҳои иловагии ҳавасмандсозанда андешида шаванд, аммо чӣ гуна нишон дода нашудааст;

2. дар автореферат қайд шудааст, ки институтҳои танзимкунанда ва назоратӣ, сохторҳои ваколатдори масъул дар ин самт чораҳои фаврӣ меандешанд, то шароиту имкониятҳоро беҳтар намуда, қоидаҳои содда ва осон барои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда шаванд. Фикри муаллиф пурра асоснок карда нашудааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи технологияҳои рақамӣ ва коммуникатсинии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллоев У.У. бо чунин эродҳо:**

1. дар ҷадвали 2 моҳияти иқтисодии муҳити соҳибкорӣ аз нуқтаи назари олимону коршиносон нишон дода шудааст, аммо андешаи муаллифии таҳқиқотчӣ дар он ворид карда нашудааст.

2. муаллиф дар автореферат зикр менамояд, ки ҳангоми муайянсозии мафҳуми фазои соҳибкорӣ низ дар адабиёти илмӣ баҳснокии амиқ ба назар мерасанд. Нуктаи назари муаллиф тавзеҳ дода нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар шароити муосир аниқ карда шуда, таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳия карда шудаанд;

- самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар таҳқиқот:**

- асосҳои илмию назариявии мафҳуми фазои мусоиди соҳибкорӣ ва аниқ намудани аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии он баррасӣ шудаанд;

- вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- таҳлили вазъи муосири рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ гузаронида шудааст;

- таҳлиди самтҳои асосии рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ пешниҳод шудаанд;

- самтҳои стратегии такмили фаъолияти фазои мусоиди соҳибкорӣ ва механизми рушди он таҳия гардидаанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар субъектҳои соҳибкорӣ ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- назария дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ асос ёфтааст;

- ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, бароматҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегирад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Сармоягузорӣ”, “Микро ва макроиқтисодиёт”, “Иқтисоди миллӣ”, “Фаъолияти иқтисоди беруна” ва ғайра татбиқ шудаанд;

- мукаррароти асосии диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2018-2025 баргузор гардида аз тарафи муаллиф маъруза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 07 марти соли 2026 қарори сазовор донистани Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзо _16_ нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., и.в. профессор Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н.

*Санаи барасмиятдароии хулоса 07.03.2026*